# ОИННОМАИ НАМУНАВИИ
# ҶАМЪИЯТИ ИСТИФОДАБАРАНДАГОНИ ЧАРОГОҲ

## 1. Шартҳои умумӣ

1.1. Ҷамъияти истифодакунандагони чарогоҳ (минбаъд «Ҷамъият») _________ҷамоати_________ноҳияи (шаҳри)____________ иттиҳоди худидорӣ, ғайритиҷоратӣ, ки дар асоси ихтиёрӣ бо мақсади самаранок истифода бурдани чарогоҳи деҳаи _____________ мебошад.

1.2. Номи пурраи Ҷамъият чунин аст:

- ба забони тоҷикӣ: «Ҷамъияти истифодакунандагони чарогохи _________________ чамоати____нохияи (шахри) _____»;

1.3. Номи мухтасари Ҷамъият:

- ба забони тоҷикӣ: «ҶИЧ ____________________»;

1.4. Суроғаи мақоми иҷроияи доимоамалкунандаи Ҷамъият: Ҷумҳурии Тоҷикистон, вилояти ________, ноҳияи (шаҳри) ___, ҷамоати______

1.5. Ҷамъият аз лаҳзаи аз қайди баҳисоб гирифта шуданаш дар ҳудуди ҷамоати ____ мақоми шахси ҳуқуқиро касб мекунад, метавонад дар муассисаҳои бонкӣ суратҳисоб ва дигар ҳисобҳо, мӯҳри гирд ва штампҳоро бо ном ва эмблемаи ба қайд гирифташудаи худ, бланкҳо ва дигар мушаххасотро дошта бошад.

## 2. Мақсад ва вазифаҳои Ҷамъият

2.1. Ҷамъият бо ҳадафи истифодаи муштараки чарогоҳҳо ва танзими муносибатҳо барои истифодаи ҳадафманд ва самарабахши чарогоҳҳо, инчунин фароҳам овардани шароитҳои мусоид барои ҳифз ва беҳгардонии майдонҳои чарогоҳ ва зерсохторҳои он таъсис дода шудааст.

2.2. Ҷамъият вазифаҳои зеринро амалӣ месозад:

- истифодаи мақсаднок ва дастаҷамъонаи чарогоҳҳоро таъмин менамояд;
- иҷро намудани стандартҳои давлатиро барои истифодаи чарогоҳҳо таъмин менамояд;
-дар таҳияи нақшаҳои миёнамӯҳлат ва солонаи истифодабарии чарогоҳҳои ҳудуди худ иштирок менамояд;
-дар ҳолати зарурат, барои тағйир додани нақшаҳои истифодабарии чарогоҳҳо ва беҳгардонии чорабиниҳои нақшавӣ пешниҳодҳои асоснок ироя месозад;
-истифода ва нигаҳдории оқилонаи чарогоҳҳоро ташкил менамояд, муҳофизати тановуъи зист (гуногуниҳои биологӣ) ва пешгирии харобшавии (таназзул, деградатсия) чарогоҳҳо, риояи меъёрҳои ҳифзи муҳити зистро таъмин менамояд;
-ба мақомоти ваколатдор дар ҳалли масъалаҳои баҳсноки марбут ба тақсимот ва истифодаи чарогоҳҳо дар ҳудудҳои дахлдор мусоидат менамояд;
-дар баланд бардоштани тахассуси аъзои Ҷамъият тавассути баргузор намудани омӯзишҳо мусоидат мекунад;
- корҳоро барои беҳгардонии зерсохторҳои ҳудудҳои чарогоҳҳо роҳандозӣ мекунад;

-баробарҳуқуқии иштироккунандагони Ҷамъиятро ҳангоми қабули қарорҳои марбут ба фаъолияти ҷамъият таъмин менамояд;

-дар мувофиқа намудани манфиатҳои мақомоти маҳаллии ҳокимияти давлатӣ ва истифодабарандагони чарогоҳ ҳангоми қабули тасмимҳо доир ба чарогоҳҳо мусоидат менамояд;

-мониторинги истифодабарии чарогоҳҳои Ҷамъиятро баргузор мекунад;

- ҳамкориҳоро бо созмонҳои миллӣ ва байналмилалӣ ба манфиати Ҷамъият ташаккул медиҳад ва тақвият мебахшад;

## 3. Ҳуқуқ ва вазифаҳои Ҷамъият

3.1. Ҷамъият барои комёб шудан ба мақсадҳо ва вазифаҳои оинномавии худ ҳақ дорад, ки:

-мустақилона барномаҳо ва нақшаҳои амали худро таҳия ва тасдиқ кунад;

-сохтори ташкилии Ҷамъиятро муайян намояд, мақомоти роҳбариро ташкил намояд, дигар масъалаҳои ташкили дохилии Ҷамъиятро ҳал намояд;

-аз мақомоти давлатӣ маълумотҳои заруриро барои амалигардонии вазифаҳои оинномавӣ дархост намояд ва гирад;

-бо мақомоти маҳаллии ҳокимияти давлатӣ, мақомоти худидораи маҳаллӣ ва ташкилотҳо доир ба масъалаҳои идоракунӣ ва истифодаи оқилонаи чарогоҳҳо ҳамкорӣ намояд;

-дар таҳия ва амалигардонии қарорҳои мақомоти маҳаллии ҳокимияти давлатӣ ва мақомоти худидораи деҳа доир ба масъалаҳои истифодабарии чарогоҳҳо иштирок намояд;

-дар ҳалли баҳсҳои марбут ба истифодабарии чарогоҳҳо иштирок кунад;

- доир ба фаъолиятҳои гуногуни ҷамъиятӣ ташаббус намояд, ба мақомоти ҳокимияти давлатӣ доир ба танзиму истифодабарии чарогоҳҳо ва дигар масъалаҳо пешниҳодот ворид созад;

-ҳуқуқҳои худ, манфиатҳои қонунии иштироккунандагони худро дар мақомоти давлатӣ, ташкилотҳо, иттиҳодияҳои ҷамъиятӣ ва суд намояндагӣ ва ҳимоя намояд;

-ба таври озод дар бораи фаъолияти худ, мақсад ва вазифаҳои Ҷамъият маълумот паҳн намояд;

-бо созмонҳои ҷамъиятӣ ва дигар ташкилотҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон, инчунин бо созмонҳои байналмилалӣ иртибот барқарор кунад ва онро нигаҳ дорад;

- бо шахсони ҳуқуқӣ ва воқеӣ шартномаҳои ҳамкорӣ, қарордод доир ба хизматрасонӣ ва иҷрои корҳои равонашуда ба амалигардонии мақсад ва вазифаҳои оинномавӣ имзо кунад, дигар муомилаҳоеро, ки ба қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Оинномаи мазкур мухолифат намекунанд, анҷом диҳад;

-қитъаҳои замин, биноҳо, сохтмонҳо, иншоот, васоили нақлиёт, таҷҳизот, асбобу анҷом, воситаҳои пулӣ ва дигар дороиҳои заруриро барои таъмин намудани фаъолияти оинномавии Ҷамъият дар ихтиёри худ дошта бошад, харидорӣ кунад, ба ҷониби дигар диҳад ва барои худ дастрас намоянд;

- ба иттифоқҳо ва иттиҳодияҳои созмонҳои ҷамъиятӣ аъзо шавад;

- дигар ваколатҳои дар қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Оиннома мазкур пешбинишударо амалӣ намояд.

3.2. Ӯҳдадориҳои Ҷамъият:

- риоя кардани қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон дар соҳаи фаъолияти худ, инчунин меъёрҳои пешбинишуда дар Оинномаи мазкур;

-таъмин намудани дастрасӣ ба гузоришҳо доир ба фаъолияти худ.

## 4. Моликияти Ҷамъият

4.1. Манбаъҳои моликияти Ҷамъият:

- пардохтҳои ихтиёрии иштироккунандагон ва кумакҳои молиявӣ, грантҳо, кӯмакҳои техникӣ ва молиявии шахсони ҳуқуқӣ, воқеӣ, инчунин созмонҳои байналмилалӣ;

-даромадҳо аз чарогоҳҳои ба иҷора додашудаи Ҷамъият;

-маблағҳои ҷудошуда аз буҷети маҳаллӣ барои рушди чарогоҳҳо;

-як қисми даромади созмонҳи тиҷоратии аз ҷониби Ҷамъият ташкилшуда;

-дигар манбаъҳои даромад, ки қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон манъ намесозад.

4.2. Ҷамъият ҳақ дорад, ки амволашро тибқи салоҳдиди худ барои муваффақ шудан ба вазифаҳои оинномавӣ истифода ва ихтиёрдорӣ намояд.

4.3. Ҷамъият ҳақ дорад хоҷагиҳои мушорикатӣ ва ҷамъиятҳои заруриро барои пешбурди фаъолиятҳои соҳибкорӣ таъсис диҳад.

## 5. Иштироккунандагони Ҷамъият

5.1. Иштироккунандагони (аъзои) Ҷамъият метавонанд шаҳрвандони дорои чорвои хусусӣ, хоҷагиҳои деҳқонӣ ва дигар хоҷагиҳои кишоварзие бошанд, ки ҳадафҳояшон бо мақсадҳои Ҷамъият мувофиқанд ва хоҳиши иштирок намуданро дар ҳалли вазифаҳои он доранд.

5.2. Қабул ва хориҷсозии иштироккунандагони Ҷамъият бо қарори Маҷлиси умумии Ҷамъият, мутобиқан дар асоси аризаи хатти онҳо сурат мегирад.

5.3. Иштироккунандаи Ҷамъият дар ҳоле қабулшуда ҳисоб меёбад, ки агар ба масъалаи қабули вай шумораи беш аз нисфи иштирокчиёни Маҷлиси умумӣ овоз дода бошанд.

5.4. Ба таври ихтиёрӣ даст кашидан аз иштирок дар Ҷамъият дар асоси аризаи иштироккунандаи Ҷамъият сурат мегирад

5.5. Дар ҳолати аз ҷониби иштироккунанда вайрон кардани талаботи Оинномаи мазкур ва талаботи қонунгузории амалкунандаи Ҷумҳурии Тоҷикистон, вай бо қарори иштирокчиёни Маҷлиси умумии иштирккунандагони Ҷамъият хориҷ карда мешавад.

## 6. Ҳуқуқ ва вазифаҳои иштироккунандагони (аъзоёни) Ҷамъият

6.1. Иштироккунандаи Ҷамъият ҳақ дорад:

-ба мақомоти роҳбарӣ ва мақоми назоративу тафтишотии Ҷамъият номзадҳоро интихоб намояд ва интихоб шавад;

-Доир ба фаъолиятҳои Ҷамъият пешниҳодоти худро барои баррасӣ ба мақомоти роҳбарии Ҷамъият ироя намояд;

-дар чорабиниҳои аз ҷониби Ҷамъият баргузоршаванда иштирок кунад;

-дар бораи фаъолияти Ҷамъият маълумот гирад;

-бо суратҷаласаҳои Маҷлисҳои умумии баргузоршудаи Ҷамъият шинос шавад ва фикру андешаҳои худро изҳор созад;

- аз имтиёзҳо ва имкониятҳои Ҷамъият истифода намояд;

-ҳангоми аз ҷониби роҳбарияи Ҷамъият баррасӣ шудани пешниҳодот, ариза ва шикоятҳояш, шахсан дар ин баррасиҳо иштиррок намояд;

-доир ба тамоми самтҳои фаъолияти Ҷамъият машварат ва дигар кӯмакҳоро гирад;

-озодона аз ҳайати Ҷамъият барояд.

6.2. Иштироккунандагони Ҷамъият ӯҳдадоранд:

-дар фаъолиятҳои Ҷамъият, аз ҷумла дар таҳия ва амалигардонии нақшаҳои миёнамӯҳлат ва солонаи истифодабарии чарогоҳҳо иштирок намоянд;

-барои комёб шудан ба мақсад ва вазифаҳои Ҷамъият мусоидат намоянд;

-талаботи Оинномаро риоя намоянд, қарорҳои мақоми роҳбарии Ҷамъиятро иҷро кунанд;

-аз амалҳои ба Ҷамъият зараровар худдорӣ кунанд;

-Ҳуқуқҳои қонунӣ ва манфиатҳои дигар аъзоёни Ҷамъиятро вайрон накунанд.

## 7. Мақомоти роҳбарии Ҷамъият

7.1. Ба мақомоти роҳбарии Ҷамъият дохил мешаванд:

- Маҷлиси умумии иштироккунандагони Ҷамъият – мақоми роҳбарияти олии Ҷамъият;

-Шӯрои ҷамъият;

-Раиси Ҷамъият.

7.2.Мақоми назоратии фаъолиятҳои молиявию иқтисодии Ташкилот, комиссияи назорати молиявии Ҷамъият мебошад.

7.3. Маҷлисҳои умумӣ дар як сол ҳадди аққал ду маротиба даъват карда мешавад. Ба ғайр аз ин, барои ҳал намудани масъалаҳои фаврӣ, дар асоси қарори Раиси Ҷамъият ё бо ташаббуси аз се як ҳиссаи иштироккунандагони Ҷамъият маҷлисҳои ғайринавбатии иштироккунандагони Ҷамъият даъват карда мешаванд.

7.4. Маҷлис дар ҳолати иштирок доштани аксарияти аъзои Ҷамъият, барои қарор қабул кардан ҳақ дорад. Ҳамаи қарорҳо бо шумораи аксарияти оддии овозҳо қабул мешаванд, ба истиснои ҳолатҳое, ки барои қабули қарор дар масъалаи қатъи фаъолияти Ҷамъият ва ворид сохтани тағйироту иловаҳо ба Оинномаи Ҷамъият шумораи на камтар се ду ҳиссаи овозҳо тақозо мешавад.

7.5. Маҷлиси умумӣ ҳақ дорад, ки тамоми масъалаҳои фаъолияти Ҷамъиятро ҳал намояд.

7.6. Салоҳияти истисноии Ҷамъият дар бар мегирад:

- қабули Оинномаи мақоми худфаъолияти ҷамъиятӣ ва ворид намудани тағйироти иловаҳо ба он;

-муайян намудани самтҳои асосии фаъолияти Ҷамъият ва тасдиқ кардани нақшаҳову барномаҳои дарозмуддати Ҷамъият;

- интихоб намудан ва озод кардани раиси Ҷамъият ва аъзоёни комиссияи назорати молиявӣ;

- тасдиқ намудан ва тағйир додани сметаи даромад ва хароҷоти мақоми худфаъолияткунандаи ҷамъиятӣ ва назорати иҷрои он;

- шунидани ҳисоботи Шӯрои Ҷамъият оид ба фаъолияти Ҷамъият ва дар бораи иҷроиши сметаи даромад ва хароҷоти мақоми худфаъолияти ҷамъиятӣ;

- тасдиқи ҳисоботи солонаи раиси Ҷамъият ва комиссияи назорати молиявӣ, инчунин натиҷаҳои тафтишоти аудитии Ҷамъият;

- тасдиқи ҳаҷми ихтиёрии ҳаққи узвият дар Ҷамъият;

- қабули қарорҳо оид ба таҷдид ва барҳамдиҳии Ҷамъият.

7.7. Барои роҳбарии фаъолиятҳои Ҷамъият дар фосилаи байни Маҷлисҳои умумӣ ва амалигардонии қарорҳои Маҷлиси умумӣ Шӯрои Ҷамъият интихоб карда мешавад. Шӯрои Ҷамъият мақоми роҳбарии доимоамалкунанда буда ба Маҷлиси умумии муассисон ҳисбот медиҳад. Шӯро дар маҷлиси Ҷамъият бо овоздиҳии кушода ба мӯҳлати се сол интихоб шуда, аз раис, муовини раис ва се аъзо иборат аст.

7.8. Ҷаласаи Шӯро мувофиқи зарурат, аммо на камтар аз як маротиба дар ҳар се моҳ баргузор мешавад. Ҷаласаи Шӯро бо иштироки аз нисф зиёди аъзои Шӯро салоҳиятнок шуморида мешавад.

7.9. Қарори Шӯро бо овоздиҳии кушода аз ҷониби аксарияти оддӣ қабул мегардад.

7.10. Шӯрои Ҷамъият дорои ваколатҳои зерин аст:

-кори Ҷамъиятро барои амалигардонии қарорҳои Маҷлиси умумӣ ташкил мекунад;

-Сметаи даромад ва хароҷотро таҳия намуда ба Маҷлиси умумӣ пешниҳод мекунад;

-Ба Маҷлиси умумӣ доир ба иҷроиши сметаи даромад ва хароҷоти Ҷамъият ҳисобот пешниҳод месозад;

- нақшаи кори Ҷамъият ва ҳисоботро оид ба татбиқи онҳо тасдиқ мекунад;

- моликияти Ҷамъиятро идора мекунад;

-ба мақомоти маҳаллии ҳокимияти давлатӣ, шахсони ҳуқуқӣ ва шахсони воқеӣ доир ба маблағгузории корҳои ободсозии чарогоҳҳо муроҷиат мекунад;

- сохтор ва воҳидҳои кори дастгоҳи Ҷамъиятро тасдиқ мекунад;

-Иштироккунандагони (аъзои) Ҷамъиятро қабул ва масъалаҳои хориҷсозии аъзои Ҷамъиятро ҳал менамояд.

-дигар масъалаҳоро, ки салоҳияти истисноии Маҷлиси умумӣ нестанд, ҳал менамояд.

7.11. Мақоми иҷроияи Ҷамъият раиси Ҷамъият аст, ки ӯро Маҷлиси умумӣ ба мӯҳлати се сол аз ҳисоби ҳайати иштироккунандагони Ҷамъият интихоб мекунад.

7.12. Салоҳиятҳои раиси Ҷамъият:

- фаъолиятҳои Ҷамъиятро дар умум роҳбарӣ мекунад;

-ба таври мустақим риоя ва иҷрои Оинномаи мазкурро аз ҷониби аъзои Ҷамъият ташкил ва назорат мекунад.

-бидуни ваколатнома, Ҷамъият ва масъалаҳои фаъолияти оинномавии Ҷамъиятро дар муносибатҳои тарафайн бо мақомоти ҳокимияти давлатӣ, созмонҳои ҷамъиятӣ, тиҷоратӣ, байналмилалӣ ва дигар ташкилотҳо намояндагӣ мекунад

- Ҷамъиятро дар комиссияи танзими истифодаи чарогоҳҳои назди мақомоти маҳаллии ҳокимияти давлатӣ намояндагӣ менамояд;

- ба мақомоти маҳаллии ҳокимияти давлатӣ оид ба масъалаҳои додани заминҳои чарогоҳ ба Ҷамъият муроҷиат менамояд;

-барои тасдиқ, ба Маҷлиси умумӣ лоиҳаҳои барномаҳо ва нақшаҳои фаъолияти Ҷамъият, инчунин ҳисоботро дар бораи иҷроиши ин барнома ва нақшаҳо пешниҳод мекунад,

- сметаи даромаду хароҷоти мақоми худфаъолияти ҷамъиятиро таҳия ва барои тасдиқ ба Маҷлиси умумӣ пешниҳод месозад;

- на дертар пас аз се моҳи ба охиррасии соли молиявӣ ба Маҷлиси умумӣ ҳисоботи иҷроиши сметаи даромад ва хароҷоти Ҷамъиятро пешниҳод менамояд;

- моликият ва воситаҳои пулии Ҷамъиятро дар доираи салоҳиятҳои худ ва сметаи хароҷоти аз ҷониби Маҷлиси умумӣ тасдиқшударо ихтиёрдорӣ мекунад;

- аз номи Ҷамъият шартномаҳо, қарордодҳо, дигар муомилаҳои шаҳрвандӣ-ҳуқуқиро имзо мекунад ва барои иҷрои чунин муомилаҳо ваколатномаҳоро содир менамояд;

- дар бонкҳо ва дигар муассисаҳои қарзӣ суратҳисобҳои Ҷамъиятро мекушояд;

- санадҳои молиявӣ ва дигар асноди Ҷамъиятро имзо мекунад;

- коргарони Ҷамъиятро тибқи қонунгузорӣ дар бораи меҳнат ба кор қабул ва аз кор хориҷ мекунад;

- кори дастгоҳи Ҷамъиятро роҳбарӣ менамояд;

-супоришҳо медиҳад ва фармонҳову дастурҳоро дар доираи ваколатҳояш содир мекунад.

- дигар вазифаҳоро иҷро ва масъалаҳои дигари марбут ба фаъолияти Ҷамъиятро, ки ба салоҳияти истисноии Маҷлиси умумӣ ва Шӯрои Ҷамъият дохил нестанд, ҳал мекунад.

7.13. Ваколатҳои раиси Ҷамъият дар ҳолатҳои зерин пеш аз мӯҳлат қатъ мегарданд:

-додани аризаи шахсӣ оид ба қатъи ваколатҳо.

-аз нав интихобкунии раис;

-кӯчидан ба ҷои истиқомати доимӣ, ки берун аз ҳудуди деҳа аст; қабул шудан ба кор дар хадамоти давлатӣ;

-ба итмом расидани мӯҳлати ваколат;

-қабули қарори Маҷлиси умумӣ оид ба қатъи ваколатҳои вай.

7.14.Интихоботи раиси нав дар доираи 15 рӯз пас аз қатъи ваколатҳои раиси қаблӣ баргузор мешавад.

7.15. Мақоми назоратию тафтишотии Ҷамъият комиссияи назорати молиявӣ мебошад. Комиссияи назорати молиявиро Маҷлиси умумии Ҷамъият ба мӯҳлати се сол аз ҳисоби аъзоёни Ҷамъият дар ҳайати на бештар аз се нафар интихоб мекунад. Комиссияи назорати молиявӣ дар назди Маҷлиси умумии Ҷамъият ҳисоботдиҳанда аст.

7.16. Комиссияи назорати молиявӣ:

-тафтишоти нақшавӣ ва ғайринақшавии фаъолияти молиявӣ ва иқтисодии Ҷамъиятро баргузор мекунад;

-истифода ва ихтиёрдории амволи Ҷамъиятро бо мақсади амалигардонии вазифаҳои оинномавӣ назорат мекунад;

- истифодаи мақсадноки сметаи даромад ва хароҷоти Ҷамъиятро назорат менамояд;

-барои ҳисоботи солона ва балансиҶамъият хулосаҳоро таҳия мекунад.

7.17. Дар ҳайати комиссияи назорати молиявӣ раиси Ҷамъият, аъзоёни Шӯрои Ҷамъият ва коргарони кироя Ҷамъият шомил буда наметавонанд.

7.18. Ҳамаи шахсони расмии Ҷамъият бо дархости комиссияи назорати молиявӣ барои иҷрои корҳои назоративу тафтишотӣ, вазифадоранд, ки ҳуҷҷатҳо ва дигар маълумотро пешниҳод намоянд.

7.19. Доир ба натиҷаҳои тафтишоти баргузоршуда, комиссияи назорати молиявӣ хулоса менависад ва онро барои баррасӣ ба Шӯро ва ё Маҷлиси умумии Ҷамъият пешниҳод мекунад.

## 8. Тартиби қатъ шудани фаъолияти Ҷамъият

8.1. Қатъи фаъолияти ҷамъият дар мавриди таҷдид ё барҳам хӯрдани Ҷамъият.

8.2. Таҷдиди Ҷамъият дар асоси қарори Маҷлиси умумӣ бо аксарияти овозҳои (2/3) аъзои (иштироккунандагони) Ҷамъият, ки дар Маҷлиси умумӣ ҳузур доранд, амалӣ мешавад.

8.3.Моликияти Ҷамъият ва ҳуқуқу ӯҳдадориҳои он пас аз таҷдид шудан ба шахси ҳуқуқии навтаъсис бо тартиби муқарраршудаи Кордекси граждании Ҷумҳурии Тоҷикистон мегузарад.

8.4. Барҳамхӯрии Ҷамъият дар асоси қарори Маҷлиси умумӣ бо овози аксарияти аъзои Ҷамъият (2/3), ки дар Маҷлиси умумӣ ширкат доранд ё бо қарори суд дар асоси муқарраротӣ пешбинишудаи қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон, сурат мегирад.

8.5. Моликияти Ҷамъият пас аз барҳам додани он барои мақсадҳои пешбинишудаи Оинномаи мазкур истифода мешавад.

8.6.Барҳамдиҳии Ҷамъият бо тартиби муқарраршудаи қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон амалӣ мешавад.

## 9. Ворид кардани тағйирот ва иловаҳо ба Оинномаи Ҷамъият

9.1. Тағйироту иловаҳо ба Оинномаи Ҷамъият дар асоси қарори Маҷлиси умумӣ бо розигии аз се ду ҳиссаи шумораи иштироккунандагони Маҷлиси умумии Ҷамъият ворид карда мешавад.

9.2. Ҳақи пешниҳод кардани тағйироту иловаҳоро ба Оинномa ҳар як иштироккунандаи Ҷамъият дорад, ки онҳоро ба таври хаттӣ ба Шӯро пешкаш мекунад. Шӯро вазифадор аст, ки дар муддати 20 рӯз аз лаҳзаи ворид шудани ариза оид ба тағйироту иловаҳо ба Оиннома санаи Маҷлиси умумиро таъйин намояд.